# МУҚАДДИМА

Омӯзиши курси услуби таълими фанни таърих дар мактабҳои миёна дар нақшаи таълимии факултетҳои таърихи мактабҳои олӣ мавқеи махсусро ишғол менамояд. Аз бар намудани ин фан дар тайёрии омилҳои касбию ихтисосмандии омӯзгорони ояндаи фанни таърих кӯмаки бузург хоҳад расонд. Азхуд намудани ин фан дониш, малакаю маҳорати донишҷӯёнро доир ба фанҳои соҳаи педагогика ва психология васеъ намуда, онҳоро бо назарияи услуби дарсдиҳии фанни таърих ошно месозад.

Ин китоб дар заминаи омӯзиши тӯлонии адабиёт ва ҳуҷҷатҳо доир ба дарсдиҳии фанни таърих, таҷрибаи бисёрсолаи шахсии муаллифон, ки омӯзгорони мактабҳои олию миёна мебошанду таҷрибаомӯзии педагогии донишҷӯёнро роҳбарӣ мекарданд, тартиб дода шудааст.

Дар аснои ба тартиб даровардани маводи пешниҳодшуда муаллифон кӯшиш ба харҷ додаанд, ки барномаи услуби дарсдиҳии фанни таърихро дар мактабҳои миёна, ки Шӯрои илмию методии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон тасдиқ намудааст, риоя намоянд ва дар мавридҳои ҷудогона ба он натиҷаҳои таҷрабаи ба дастовардаи худро илова намоянд.

Қайд кардан зарур аст, ки ба омӯзгори фанни таърих дар мактаби миёна зарур аст, ки на танҳо ба мазмуни фанни таърих сарфаҳм равад, балки инчунин аз рӯи як қатор масъалаҳои умумии педагогӣ мутобиқи тадриси ин фан дастур гирад. Барои муаллим масалан, барои дар дарс нақл намудани яке аз мавзӯҳои таълимӣ, ки аз фанни педагогика ҳосил кардааст, дастурҳои умумии дидактикӣ гирифтан зарур аст ва инчунин омӯзгор мебояд, ки хусусияти хоси дарсро низ равшан ва возеҳ гардонад. Айнан ҳаминро дар бораи кори мустақилонаи толибилмон дар хусуси азхуд кардани мафҳумҳои умумии таърихӣ, дар бораи ҳаҷми хаттӣ ва шифоҳии маводи таърихӣ дар давоми дарс ва дигар ҳолатҳои масъалаҳои дарсдиҳии фанни таърих истифода бурдан мумкин аст.

Муаллифон инчунин дар ин китоб кӯшиш намудаанд, ки ба омӯзгорони ҷавони фанни таърих мақсад, моҳият, мазмуну

мундаричаи фанни таърихро дар мактабҳои миёна ошно сохта, барои роҳҳои таълими он дар синфҳои V-XI қоидаҳо омода намоянд. Инчунин шаклҳои гуногуни гузаронидани дарс ва машғулиятҳои берунaзсинфӣ ва ғайраҳо пешбинӣ намудаанд, то ки ҳамаи ин ба тайёрии касбии онҳо кӯмак расонад, аз таҷрибаи бойи устодони пешқадами ҷумҳурӣ баҳравар гардида тавонанд, ба тараққиёти назария ва амалияи тарбия, таълим ва маълумот шинос шуда тавонанад.

Омӯзиши услуби таълими фанни таърих бе шубҳа дар баланд бардоштани фарҳанг, такомули маҳорати педагогии омӯзгорони оянда кӯмаки босазое хоҳад кард. Онҳо донишҳои азхудкардаи худро доир ба ин фан метавонанд дар фаъолияти ҳамарӯзаи худ эҷодкорона истифоа баранд.

Донистани ин фан инчунин ба омӯзгорон масъалаҳои муҳими илми педагогиро равшан намуда, масъулиятноктарин вазифа– тарбияи миллии насли наврасро, ки дар шароити кори мактаби замонавӣ ва тамоми ҷумҳурии мо, пеш аз ҳама дар назди омӯзгор гузошта шудааст, ба ҷо бояд оварад.

Дар раванди таълими фанни таърих омӯзгор ӯҳдадор аст, ки дар навбати аввал сайъу кӯшиш намояд, то толибилмони ӯ миллатшиносу ватандӯст буда, нисбати дигар миллату халқият ҳисси ҳурмату эҳтиром дошта бошад. Дӯстии мардуми тоҷикро мебояд бо дигар халқиятҳо сол аз сол бештару қавитар гардонд, зеро ин нахустин ва муҳимтарин сифати маънавии шарҳвади ҷомеаи демократӣ мебошад.

Дар фарҷом бояд қайд намуд, ки китоби дарсие, ки ба масоили услуби таълими фанни таърих дар мактабҳои миёнаи ҷумҳурӣ (бо забони давлатӣ) бахшида шудааст, бо ин мазмун ва мундарича бори аввал тартиб дода шудааст ва шояд аз камбудию нуқсон холӣ набошад. Аз ин рӯ, муаллифон аз мутахассисон, педагогҳо, устодони муассисаҳои таълимӣ, ки ба таълими фанни таърих машғуланд, хоҳиш менамоянд, ки бо маслиҳатҳои муфиди худ (ба воситаи матбуот ва ё мукотиботи интернетӣ) барои сифатан беҳтар намудани он кӯмаки худро дареғ надоранд. Фикру мулоҳиза ва пешниҳодҳои онҳо дар нашри оянда ба инобат гирифта хоҳад шуд.